# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст**

Барои равшани андохтан ба моҳияти мавзӯи мазкур, айни замон аҳмияти бештар пайдо намудани хизматрасонии нақлиётиро барраси намуда, ба мусофирон ва хоҷагии халқ, мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии ҳайати кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилиро тақозо менамояд. Дар ин раванд зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии хизматрасонии нақлиётӣ ҳангоми такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон ба инобат гирифта шуда барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои навоваронаи такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон пешбурди таҳқиқоти суроғавӣ гузаронида шавад ва роҳи ҳалли муаммоҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ба тариқи пурра омӯхта нашудаанд ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Ҳусензода А.Р. бе баҳс аст.

Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ ҷанбаҳои назариявии моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, инчунин, асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, инчунин, арзёбии мураккабии он дар корхонаҳои амалкунанда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Аз баррасии автореферат бар меояд, ки дар диссертатсия диққати асосӣ ба таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дода шуда, дар сатҳи зарурӣ таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат гузаронида шуда, масоил ва монеаҳо муайян карда шуда роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёт пешниҳод гардидааст.

Гузаронидани таҳлили арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо назардошти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба сатҳи ҳавасмандгардонӣ дар шароити рақобаттавонӣ ба миён меоянд, ба роҳ монда шудааст.

Дар диссертатсия самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он бо назардошти мукаммалгардонии пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо истифодаи аз низоми дар асоси низоми грейдҳо пешниҳод шуда, сатҳу самараи фаъолияти кормандон баҳо дода шудааст.

Дар маҷмӯ дар диссертатсия роҳҳои такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Новобаста ба натиҷаҳо, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии гузаронида шуда, масоил ва монеаҳо муайян карда шудаанд. Мутаассифона роҳҳои бартараф кардани баъзе аз масоилҳо дар шароити муосири рушди иқтисодиёт арзёбӣ нагардидааст.
2. Дар автореферат баъзе аз мавҳумҳо ва пешниҳодҳо ба пуррагӣ кушода ва шаҳр нашудаанд.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ба сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таъсир нарасонида характери тавсиявӣ доранд. Самти таҳқиқоти мазкур ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12 – «Иқтисодиёти меҳнат» пурра мувофиқат мекунад.

Автореферат ва маводҳои чопнамудаи муаллиф таркиби диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯ диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - «Иқтисодиёти меҳнат» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шамсзода И.С.**

Имзои д.и.и., профессор Шамсзода И.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе; 734003
Хиёбони Рудакӣ,17
Тел:(+992 73) 217711
Почтаи электронӣ: https//www.tnu.tj